**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-073-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Маҳкамов Саидкул Суяркулович дар мавзӯи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Аюбов Абдусалом Рауфович, доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич ва доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Турсунов Бӯстон Раҳмонович бо таҳқиқоти диссертатсионии Маҳкамов С.С. шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Махкамов С.С. дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шуда, мутобиқи талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона ва комил мебошад. Дар рисола масъалаҳои тавсифи таърихӣ-ҷуғрофии шаҳру навоҳӣ, тафсири мафҳуми “Уструшана”, таърихи сиёсӣ, сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва маҳаллии идоракунӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ҳайати этникӣ, эътиқоди динӣ, забони аҳолӣ, муносибатҳои заминдорӣ, вазъи умумии кишоварзӣ, инкишофи ҳунармандӣ ва тиҷорати вилояти таърихии Уструшана дар замони давлатдории Сомониён дар асоси маълумоти манбаъҳои хаттии таърихӣ, аз ҷумла маводи маъхазҳои чинӣ, осори муаррихон, сайёҳон ва ҷуғрофидонони арабу форсизабон мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳкамов С.С. воқеан фарогири масъалаҳои муҳимми таърихи ватанӣ буда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таҳия гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқу омӯзиши таърихи Уструшана чун мулки алоҳидаи давлати Сомониён дар маҷмӯъ барои боз ҳам возеҳтар омӯхтани таърихи ин давлат мусоидат менамояд. Таҳқиқи ҷуғрофияи таърихӣ, сохтори маъмурӣ ва дастгоҳи идоракунии маҳаллии Уструшана ҷиҳати бештар ва мушаххастар омӯхтани сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ, дастгоҳи идоракунӣ, тавсифи унвону мартабаи маъмурон ва мансабдорони маҳаллӣ, вазифа, ҳуқуқ ва салоҳияти онҳо дар аҳди Сомониён аҳаммияти муҳими илмӣ дорад. Таҳқиқи масъалаҳои асосии рисола барои фаҳмиши ташаккули давлатдорӣ, халқияти воҳид ва забони адабии тоҷик, марҳилаҳо ва минтақаҳои асосии ташаккули тоҷикон, ягонагии таърихию фарҳангӣ ва маънавии он дар мисоли Уструшана кӯмак менамояд. Уструшана дорои сарватҳои бузурги табиӣ, иқтидори калони иқтисодӣ буда, барои рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ, кишоварзӣ, тиҷорат, коркарди маъдан, ҳунармандӣ, низоми андози давлати Сомониён нақши муҳим бозидааст. Ҳамчунин таҳқиқи масъалаҳои вазъи ҳунари меъморию шаҳрсозию бинокорӣ, санъати ороишоти амалӣ, ҳайати этникӣ, забон ва фарҳанги аҳолии Уструшана аҳамияти муҳимро касб менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ, таҳлил ва баррасии маводҳо аз манбаъҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ, нишон додани андешаҳои консептуалии муаррихон ва ховаршиносони маъруф, интишори мақолаҳо доир ба мавзуи диссертатсия дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои гуногун маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлилу коркарди маводи мухталиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳо саҳми худро гузоштааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани таърихи вилояти таърихӣ-фарҳангии Уструшана ҳамчун қисми таркибии давлати Сомониён вобаста ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ, хориҷӣ мебошад. Дар ҳамин асос ҳалли чунин вазифаҳо пайгирӣ шудаанд:

- тавсифи манбаъҳои хаттӣ доир ба Уструшанаи аҳди Сомониён ва муайян кардани арзиши илмии онҳо;

- инъикоси ҷуғрофияи таърихии Уструшана;

- таҳқиқу таърихи сиёсии Уструшана ва арзёбии нақши он дар ҳаёти сиёсии давлати Сомониён;

- вазъи сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва маҳаллии идоракунӣ;

- инъикоси вазъи иҷтимоӣ дар вилоят;

- таҳлили вазъи ҳунармандӣ, кишоварзӣ, низоми андоз ва андозбандӣ;

- нишон додани низоми тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар доираи диссертатсияи номзадӣ таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Уструшана дар аҳди Сомониён мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар маҷмӯъ навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

- мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии махсус, дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба Уструшанаи замони Сомониён ба ҳисоб меравад;

- маълумоти сарчашмаҳои нодири хаттӣ доир ба Уструшана истифода шудаанд;

- лаҳзаҳои норавшан ва камтаҳқиқшудаи таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана мукаммалтар таҳқиқ шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мавзуи мазкур пешниҳод шудаанд;

- дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқон саҳми Уструшанаи аҳди Сомониён дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои дар рисола дарҷгардида барои дуруст ва ҳаматарафа фаҳмидани таърихи давлати Сомониён мусоидат менамояд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ имконияти ошкор гардидани саҳифаҳои норавшан ва кам тадқиқшудаи Уструшана пайдо мешавад, ки ҳалли пурраи онҳо барои таърихи халқи тоҷик хеле муҳим аст. Аҳаммияти илмии рисола бо истифодаи манбаъҳои таърихӣ, асарҳои муаррихону шарқшиносон роҷеъ ба тарафҳои гуногуни масъала, ки дар раванди омӯзиш қарор доштанд, вобаста мебошад. Моҳияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурӣ пайваст аст. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд ба таври самаранок дар раванди таълим, омода намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои ёрирасони таълимӣ, курсҳои махсус истифода гарданд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суярқулович дар мавзуи "Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) Саидов Абдуқаҳҳор, доктори илмҳои илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ.

Б) Сайнаков Сайнак Парпишоевич, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Аюбов Абдусалом Рауфович**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич**
**доктори илмҳои таърих** **Турсунов Бӯстон Раҳмонович**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ**
**"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"** **Ҳусейнова З.С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС